**Протоколи №35-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 10-уми сентябри соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар, 4 аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктнорони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравандд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ – Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна ва узви комиссияи экспертӣ – Нағзибекова Меҳринисо Бозоровна оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслимахон Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Раҳимзода Муҳаммадназар Сафар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии **“Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”** пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 21.11.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.